Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи “Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ” аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Ҳолати бехатарии раванди ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат, ҷомеа, шахсият аз хатарҳо ва таҳдидҳои дохилӣ ва беруна бо таъмини бехатарӣ ва ҳифзи он, рушди устувори ҷомеа муродиф шуморида мешаванд. Ҳолати бехатарӣ маънои онро дорад, ки нисбати давлат ва ҷомеа таҳдид аз ҷанг ва дигар омилҳое, ки барои рушди мустақилонаи он, истиқлолияти сиёсӣ, тамомияти арзӣ ва иштирок дар саҳнаи байналхалқӣ халал мерасонанд, ба назар намерасанд. Дар ин росто масъалаи бехатарӣ ва рушди уствор, инкишофи ҳаёти шахс ва ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷаро касб мекунад. Аз ин ҷост, ки таваҷҷуҳ ба нигоҳдорӣ, таъмин ва мустаҳкамкунии низоми бехатарӣ, таъмини рушди устувори давлат ҳеҷ гоҳ кам намегардад.

Тағйиротҳои геополитикӣ дар охирҳои асри XX авзои сиёсии оламро дигаргун гардонид. Аз байн рафтани масъалаҳои куҳна заминаи пайдоиши масъалаҳои навини хусусияти таъсиррасонанда ба низоми бехатарии ҷаҳон, махсусан ба низоми бехатарии ҳар як кишвари алоҳида гардиданд. Омилҳои нави халалдорсозандаи бехатарии миллӣ ва ҷаҳонӣ ба миён омаданд. Ба монанди, терроризм, сепаратизм, миллатгароии нави канора, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткориҳои муташаккил, моҷароҳои минатқавӣ, хатари паҳншавии яроқи қатли ом бо мақсадҳои сиёсӣ ва ғайра. Бехатарӣ, ки дар сатҳи бехатарии миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ ба вуҷуд меояд, занҷири пайвастаеро мемонад. Таҳдидҳо низ дар ҳамин сатҳ ба амал меоянд. Ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки буҳрони дохилии як давлат на танҳо ба низоми бехатарии миллӣ ва дохилии он таъсир мерасонад, балки аз сарҳадҳои миллӣ-давлатӣ берун рафтани буҳрон таҳдид ба бехатарии минтақавӣ ва дар мавриди дигар бошад, таҳдид ва низоми бехатарии глобалӣ шуморида мешавад.

Чунин хосиятҳои мурракаби рушд ва инкишоф, буҳронӣ будани замони муосирро дарк намуда, аҳаммияти таъмин ва нигоҳ доштани

бехатарӣ афзалият пайдо намуда, онро мавриди омӯзиши академӣ қарор медиҳанд. Рисолаи диссертатсионии Н. Асламзода низ аз ҷумлаи онҳо мебошад. Махсусият ва навгонии гузориши масъала дар кори илмии муаллиф он аст, ки ҷанбаҳои асосии таъмини бехатарӣ ва таҳкими рушди уствори ҷомеаи тоҷикистониро пайваста ба вазъияти буҳронии замони муосир, зуд-зуд ба вуҷуд омадани таҳдиду хатарҳо, бархурди манфиатҳо, тамаддунҳо, шаклгирии раванди бегонашавӣ ва майлонҳои радикалӣ, мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ, аҳаммияти бехатарӣ барои ҷомеа ва давлати Тоҷикистон, ҳимояшавандагии манфиатҳои миллӣ дар доираи илмҳои иҷтимоӣ ба сифати яке масъалаҳои муҳимму рӯзмарра арзёбӣ мегардад. Омӯзиши амиқи он имконият медиҳад, ки шарти татбиқи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини бехатарӣ, нигоҳ доштани ҳолати суботи кишвар аз ҳар гуна таҳдид ва хатарҳои замони муосир, рушди устувори ҷомеа дарк карда шаванд. Ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон аз таъмини бехатарӣ ва рушди устувори соҳаҳои гуногун: сиёсӣ, идоракунӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангиву маънавӣ, иттилоотӣ-мафкуравӣ ва ғайра вобастагии калон дорад.

Дар автореферати диссертатсияи Н. Асламзода тавсифи мухтасари муқаддима, сатҳи умумии таҳқиқот, бобҳо ва зербобҳои рисола, баррасии натиҷаҳо, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи интишороти муаллиф нишон дода шудаанд. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро асоснок намудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмиии таҳқиқот, ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия омӯзиш ва таҳлилу хулосагириҳоро дар мавриди асосҳои илмию назариявӣ ва тарзи методологии муносибат ба масъалаи бехатариро дар бар гирифтааст. Бештар таҳқиқи назариявӣ ва хулосагирӣ масъалаи хусусиятҳои бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаро фаро гирифта, мазмун ва моҳияти бехатариро тавсиф намуда, дар мавриди зарурият ва аҳаммияти он

барои инкишофи давлат ва ҷомеа, зарурияти он баҳри суботи инсон ва ҳаёти ҷамъиятии ӯ пешниҳодоти зарурииро ба миён овардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия махсусиятҳои шаклгирӣ, фаъолият ва самаранокии низоми бехатарии Тоҷикистон ва самтҳои асосии инкишофи онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар қисмати мазкур таҳқиқи масъалаҳои муҳимми низоми бехатарии Тоҷикистон дар шароити муосири инкишоф ва хатару таҳдидҳо ба он мавриди андешарониҳо қарор гирифтааст. Пеш аз ҳама, таҳлили роҳҳо ва воситаҳои ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдиду хатарҳои замони муосир дар маркази омӯзишҳо ҷой гирифтаанд.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ натиҷаҳо ва тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии онҳо баён гардидаанд. Онҳо барои муайян кардани самтҳои асосии таъмини бехатарии миллӣ ва таҳкими раванди рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ мусоидат менамоянд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври васеъ инъикос менамоянд.

Дар баробари муваффақиятҳои зиёд дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо низ ҷой доранд:

1. Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм доир ба масъалаҳои фаъолиятии сиёсии сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини бехатарӣ ва рушди устувор ибрози андеша менамояд. Вале механизми фаъолияти якҷояи онҳоро оид ба таъмини бехатарӣ ва рушди устувор нишон надодааст, ки он аҳаммияти сиёсию амалии рисоларо бештар мегардонид.

2. Дар рисола муаллиф ба масъалаи идораи фазои иттилоотӣ ҳамчун воситаи асосии назорати захираҳои зеҳнӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намудааст. Аммо диссертант ба масъалаи технологияи идораи фазои иттилоотӣ ва таъмини бехатарии иттилоотӣ чандон таваҷҷуҳ накардааст.

Чунин хатою норасогиҳо наметавонанд арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро халалдор намоянд.

Автореферати диссертатсияи Асламзода Некруз ба шиносномаи ихтисос ва талаботҳои дигари Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз

рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологиҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ахиева С. У.

Имзои Ахиева С. У. -ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Суроғаи муқарриз:**
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
WWW: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj